*Ба Шӯрои диссертатсионии*
*6D.КОА-017-и назди Институти*
*иқтисодиёт ва демографияи Академияи*
*миллии илмҳои Тоҷикистон*
*(734024, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)»**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

Минтақаҳои ҷумҳурӣ дар дурнамои миёнамуҳлат дар ҳалли вазифаҳои стратегӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, баланд бардоштани шуғл ва даромад, таъмини устувории амнияти иҷтимоӣ, амнияти озуқаворӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозанд.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қайд шудааст, ки «дар панҷ соли минбаъда бояд ба чунин самтҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад: ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудӣ-истеҳсолии шимолӣ, ҷанубӣ ва шарқии кишвар дар асоси ҷойгиршавии захираҳои бойи табиӣ (кластерҳои саноатӣ); махсусгардонии минтақаҳои кишвар ва ноҳиябандии иқтисодии онҳо; тақвият бахшидани фаъолияти сохторҳои мавҷудаи институтсионалӣ (аз ҷумла, фаъолияти Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба банақшагирии ҳамбастаи афзалиятҳои миллӣ ва минтақавӣ ҷиҳати муайян намудан ва татбиқи сиёсати минтақавӣ); таҳия ва қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди ҳамаҷонибаи кишвар» ва «Дар бораи суръатбахшӣ ва ҳавасмандгардонии рушди минтақаҳо») ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи марбут ба минтақаҳои кишвар, бахусус ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович, ки ба мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бахшида шудааст, мубрам буда, натиҷаҳои он аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта метавонад.

Шиносой бо автореферати диссертатсия ба хулоса овард, ки унвончӯ иброз медорад, ки муайян кардани аломатҳо ва таҳлили рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осепазирӣ дар адабиёти илмӣ диққати муҳаққиқонро ба як гурӯҳи махсуси минтақаҳои «мушкилидошта»-и хоҷагидорӣ ҷалб мекунад, ки барои худрушдёбӣй иктидори кофӣ надоранд ва мунтазам ба дастгирии доимии захираҳо аз муҳити беруна ниёз доранд. Дар сурати набудани дастгирӣ ин гуна низомҳо, пеш аз ҳама, бо бесуботӣ дучор шуда, ба минтақаҳои буҳронии иқтисоди миллӣ табдил меёбанд ва ин омил водор мекунад, ки нисбат ба чунин минтақаҳо реҷаҳои махсуси танзими ҳудудӣ ва сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ истифода шавад.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осепазирӣ дар шароити норасоии доимии захираҳои рушд ба вуҷуд меоянд, ки бо афзоиши зуҳуроти осепазирӣ ба таври назаррас шадидтар мегардад.

Ҷамъбасти адабиёти иқтисодӣ дар соҳаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки захираҳои калидии фаъолгардонии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи буҳрониро чунин ҷудо кардан мумкин аст: дар гурӯҳи захираҳои ташкилӣ - захираҳои рушди инфрасохтори бозори молиявии маҳаллӣ; дар гурӯҳи захираҳои институтсионалӣ - захираҳои ҳавасмандгардонии шаклҳои
прогрессивии рафтори субъектҳои минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар гурӯҳи захираҳои инсонӣ - захираҳои такрористеҳсоли васеи сармояи зеҳнии ин минтақа.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот ва пурсишҳои гузаронидашуда мушкилоти
асосии мавҷуда дар 8 ноҳияи ҷанубии наздисарҳадии кишвар ҷамъбаст ва мушаххас карда шуданд.

Албатта, ягон кори илмӣ аз камбудӣ холӣ нест. Автореферати диссертатсияи баррасишаванда низ каму беш норасоиҳоро дорост. Масалан:

1. Дар автореферат қайд карда шудааст, ки дар диссертатсия ба барномаҳои миёнамуҳлати рушд, аз ҷумла ба барномаҳои миёнамӯҳлати рушди минтақаҳо такя карда шудааст. Вобаста ба ин, агар гурӯҳбандии чунин барномаҳо, аз ҷумла ва бахусус, SWOT-таҳлили он анҷом дода мешуд, кор мантиқан пурратар мегардид.

2. Ҳангоми омӯзиши адабиёти хориҷию ватанӣ хуб мешуд, агар натиҷаҳои назариявии ба дастомада гурӯҳбандӣ карда шавад.

Эродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба баҳои умумии кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳо ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

**Тақриздиҳанда**
номзади илми иқтисод,
муаллими калони кафедраи иқтисодиёт
ва соҳибкорӣ МДТ “Донишкадаи иқтисод ва
савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” Ш.А. Шарипова

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700. ш. Хуҷанд
Тоҷикистон, хиёбони И.Сомонӣ, 169
Тел.(+992) 92 013-11-11
Email: info@iet.tj
www.iet.tj

Имзои Шарипова Шаҳноза Абдуразоқовнаро
тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” Маҳмудов Ш.У.